*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) Яқубзода Маъруф Садруддин ба диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

## Мутобиқати диссертатсия бо ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя бароварда шудааст

Диссертатсияи тақризшаванда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: 2.2.Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 2.14.Маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 3.4. Вижагиҳои рушди низоми захираҳои молиявии корхонаҳо дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёт; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя; 3.25.Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, соли 2018 Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон карда шавад ва то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Ҳамчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 дастовардҳои асосии иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дар соли 2019 таҳлилу баррасӣ намуда, ба рушди соҳаи саноат аҳамияти махсус зоҳир намуданд. Пешвои миллат, аз ҷумла зикр намуданд: «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи

гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем».

Соҳаи саноат дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим дорад, зеро рушди соҳаи саноат дар таъмини иқтидори захиравии иқтисодиёт ва равандҳои такрористеҳсолии он, фароҳамсозии вазъи устувори иҷтимоӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ мебозад. Робитаи саноату кишоварзӣ, ташаккулу равнақи муҷтамаи агросаноатӣ ва аз кишвари агросаноатӣ ба кишвари саноатию аграрӣ табдил додани ҷумҳурӣ ба мавҷудияти захираҳо ва истифодаи мақсадноку самараноки сармоягузориҳо худ далели воқеият ва мубрамии мавзуи мазкур мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳим ва саривақтӣ мебошад.

3 **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дар таҳқиқоти диссеретатсионӣ Холов А.М. навгониҳои илмӣ тавассути гузаронидани таҳлилу таҳқиқ бо усулҳои гуногун ва кифоягии ҳаҷми маводҳои оморӣ ба даст омада, дар интишорот муаллифии ӯ инъикос гаштаанд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

-асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо тақвияту тавсеа дода шуданд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва усулҳои сармоягузориҳо, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва мукаммал гардонида шуданд;

- хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш ошкор ва усулҳои муосири арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ муайян ва арзёбӣ гардидаанд;

- ҳолати кунунии фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ таҳлил ва баҳодиҳӣ гардидаанд;

- самтҳои рушди таъмини равандҳои сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла танзими давлатии сармоягузориҳо, маблағгузориҳо барои таҷдиди сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда асоснок ва арзёбӣ шуданд;

- таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат бо назардошти истифодаи самараноки сарчашмаҳои молиявии худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ, дар қаринаи ҷорисозии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ ва дурнамо шуданд;

- оид ба рушди равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон бо назардошти ба инобат гирифтани афзорҳои сиёсати истеҳлокӣ ва молиявӣ дар пасманзари таъмини амнияти озуқавории кишвар матрисаи тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда коркард шудааст.

4 **Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он**

Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда бо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти анҷом додашуда алоқаманд буда, ба талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодгардида аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 187 саҳифаро ташкил дода, дорои 33 ҷадвал, 5 расм ва 2 диаграмма мебошад.

**Дар сарсухан** муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзиши баҳогузории масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада мухтасар инъикос ёфтаанд, (С.4-14).

**Дар боби якум «Асосҳои назариявию усулии таъмини сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ»** ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор (С. 15-33), хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш(С. 33-48), ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истифодабарии сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, (С. 48-65).

Нуқтаҳои муҳимтарини боби якумро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст. Навгонии илмие, ки дар ин боб маҷуд аст, ин дар заминаи таҳлилу омӯзиши таснифи сармоягузориҳо як таснифоти муаллифии сармоягузориро аз рӯйи аломатҳо коркард намуда, дар ҷадвали 1.1.1 пешниҳод кардааст. Таҳқиқи гузаронида нишон дод, ки барои таҳлил ва баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи микроиқтисодиёт гурӯҳбандии илман асосноки сармоягузориҳо зарур аст. Таснифи дуруст ва аз

ҷиҳати илмӣ асосёфтаи сармоягузорҳо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои мусбию манфии онҳо ба таври дуруст ба назар гирифта, дар ин асос самаранокии истифодаи сармоягузориҳо таъмин карда шаванд (С.32). Яке аз ҷабҳаҳои дигари ин боб, ки хусусияти навгонӣ дорад, ин дар шакли нақшавӣ таҳия намудани "Омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахш" дар расим 1.2.2 аз ҷониби муаллиф мебошад. Ҳамин тариқ, омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахшро таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки таъсири омилҳо ба сармоягузорӣ ва фаъолияти корхонаҳои ин комплекс назаррас буда, коршиносони бахши сармоягузории корхонаҳоро лозим меояд, ки ҳангоми коркарди сиёсати инвеститсионии корхонаҳо ба онҳо диққат диҳанд, (С.47).

**Дар боби дуюм «Арзёбӣ ва тамоюлҳои рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон»** ҳолат ва тамоюлҳои рушди равандҳои сармоягузориҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он(С.66-78), баҳодиҳии вазъи сармоягузориҳо дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон(С.78-95), ва арзёбии таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и минтақаи Кӯлоб таҳлилу баррасӣ гардидааст, (С.96-113).

Таҳқиқу таҳлилҳо нишон доданд, ки дар боби мазкур дар ҳақиқат масоили дар боло зикршуда бо пуррагӣ баррасӣ гардидаанд ва навгониҳое, ки муаллиф ба ин боб нисбат медиҳад дар матни зербобҳои ҳамин боб ҷой доранд. Аз ҷумла нуқтаҳои аҳамияти навгонидошта, чорабиниҳои тавсиянамудаи муаллиф(С.78-79) ва хулосаи боб ҷолиби диққат аст. Бахусус, назари муаллиф, ки вазъи фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии истеҳсолоти хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзиро на дар ҳама бахшҳои он мувофиқи мақсад баҳогузорӣ намудааст.

Дигар нуқтаи назари пешниҳоднамудаи унвонҷӯ, ки хусусияти навгони дорад, ин дар рисола алоқамандии динамикаи рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва вазъи сармоягузориҳои якчанд корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавории вилояти Хатлонро арзёбӣ намуда, дар ин радиф барои беҳбудии вазъият дар ин самт маҷмуи чораҳои иқтисодию ташкилӣ ва афзорҳои истеҳлокию молиявиро пешниҳод менамояд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таъмин ва рушди самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои дигар корхонаҳои КАС-и минтақа метавонад мусоидат намоянд.

**Дар боби сеюм муаллиф ба ҳайси «Самтҳо ва роҳҳои беҳтаргардонии таъмини сармоягузории саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ»** танзими таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати кишоварзӣ дар доираи стратегия ва барномаҳои давлатӣ(С.114-131), сармоягузориҳо ба технологияи инноватсионии хоҷагиҳою корхонаҳои агросаноатӣ(С. 131-148), ва таҷрибаи

хориҷии рушди сармоягузориҳои бахши аграрӣ ва имконоти истифодаи онҳоро дар кишоварзии ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст(С.148 -166).

Арзёбии ин боби диссертатсия нишон дод, ки кулли масоили дар зербобҳои он овардашуда дар матни он вуҷуд доранд ва ҳамчунин навгониҳои пешниҳоднамудаи муаллиф, ки марбути ҳамин боб ҳастанд дар ҳақиқат дар саҳифаҳои матни боби мазкур мавҷуд ҳастанд. Яке аз паҳлуҳои дигари таҳқиқоти мазкур, аҳамияти баланди илмӣ дорад, ин таҳия намудани диаграммаи 3.1.1. Дурнамои ҳаҷми истеҳсоли гандум ва коркарди саноатии он аз ҷониби муаллиф мебошад. Таҳлилу омӯзишиҳои маводи овардашуда дар бораи сиёсати давлатии сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ ва КАС, дар доираи стратегияҳо консепсияҳо барномаҳои давлати нишон дод, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлоли то ба имрӯз аз танзиму дастгирии КАС ва соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар бахши сармоягузориҳо ба сармояи асосии онҳо худро барканор нагирифтааст, албатта камбудиҳо, норасоиҳо, камчинии маблағ дар ин самт ба назар мерасад (С.124).

Дигар паҳлуи навгонидоштаи боби мазкур ин таҳқиқи самти инноватсионии мавзуи рисола аз ҷониби унвонҷӯ мебошад, ки дар ҷадвалҳои 3.2.1. ва 3.2.2. мавриди баррасӣ қарор додааст. (С.140-142). Ҳамчунин, дар диссертатсия муаллиф 115 корхонаҳои саноати хӯроквории вилоятро аз нигоҳи ҷорӣ намудани инноватсия мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода, дар маҷмуъ сатҳи ҷоришавии инноватсияҳо дар онҳо дар 5 соли охир баҳогузорӣ карда шудааст. Қобили қайд аст, ки тарзу усули арзёбии ин амал метавонад барои баҳодиҳии раванди таъмини сармоягузории инноватсияҳои корхона ва хоҷагиҳои минтақаи мазкур истифода шавад.

Дар қисми хотимавӣ хулосаҳои назариявию амалии илман асоснок ва рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст (С.167 -187).

**Асосонокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои дар диссертатсия зикршуда**

Асоснокии натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷгардида дар он зуҳур мекунанд, ки дар ҳақиқат саноатикунонии иқтисодиёти кишвар бевосита ба иқтисодиёти агросаноатии он рабитаи мустақим дорад, зеро мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо 2/3 шумораи корхонаҳои истеҳсолии иқтисодиёти ҷумҳурӣ корхонаҳои агросаноатӣ ҳастанд. Аз ин ҷост, матни бобу зербобҳои диссертатсия дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ , аз ҷумла вилояти Хатлон таҳия шудаанд, ки аз воқеият ва мавҷудияти мушкилот таъмини сармоягузориҳои саноатикунонӣ дар ин самт иттилоот медиҳанд. Оид ба натиҷаҳои диссертатсия таҳлилу арзёбиҳои анҷомдода қайд мекунем, ки дараҷаи эътимоднокии онҳоро мавҷудияти маълумоти аввалияи омори расмӣ, иқтибосҳо ва сарчашмаҳои саҳеҳи маълумоти овардашуда, дурнамоҳои баҳисобгиришуда, таълифоти муаллиф, кофӣ будани ҳаҷми

кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд. Ҳамчунин, хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар асоси таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ ва амалияи хоҷагидории объекти таҳқиқот бароварда шудаанд, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он зуҳур мекунад, ки** ҷанбаҳои назариявии кори диссертатсионӣ, аз ҷумла мукаррароти мафҳумию моҳиятӣ таснифотию услубии рисола ҳамчун заминаҳои илмию усулӣ барои таҳқиқотҳои оянда дар ин самт ба кор бурда мешаванд. **Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки** тавсияҳо оид ба истифодаи амалии он метавонад ба таъмини молиякунонии сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта ҳамчун заминаҳои амалӣ хизмат намояд. **Аҳаммияти иқтисодиии диссертатсия** дар он зуҳур мекунад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мавриди таъмини молиякунонии сармоягузориҳои саноатикунонии иқтисодиёт ва вилояти Хатлон метавонанд истифода намоянд. **Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муваффақиятҳои иқтисодии дар ин самт бадастомада ба самараҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолии кишвар оварда мерасонанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи иҳтисоси илмӣ, саҳми шахсии

довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар таъмини молиякунонии рушди сармоягузориҳои саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон васеъ истифода бурда шаванд.

**Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.**

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ иникос мекунад.

9 **Эродҳо ва пешниҳодҳо доир ба диссертатсия**

1. Дар боби 1, параграфи 1.1 бо номи «Ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор» дарҷ гардидааст, ба андешаи мақарриз агар ибораҳои охир бо тағийроти зайл "дар шароити иқтисодиёти бозорӣ" оварда мешуд, беҳтар буд, (С.15).

2. Дар ҳамин параграф 1.1. муаллиф нуқтаи назари бисёре аз олимони хориҷию ватаниро доир ба масоили сармоягузорӣ мавриди таҳлил ва барраси қарор додааст, вале нуқтаи назари баъзе аз олимони варзидаи ватанӣ, ки дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде анҷом додаанд ба монанди академик Раҳимов Р.К., академик Каюмов Н.К., профессор Умаров Х.У., профессор Саидмуродов Л.Ҳ., дотсент Солеҳзода А.А., ва дотсент Тошматов М.Н. аз мадди назар дур мондаанд, (С.15-33).

3. Муаллиф параграфи 1.2.-ро ба "Хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш" бахшида, дар саҳифаи 47 расми 1.2.2 Принсипҳои ташкили фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатиро бениҳояд хуб таҳия намудааст, агар аз руйи омилҳои макроиқтисодӣ параграфи мазкурро бо истифода аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод, кор аз ин дида сатҳи баландтарро касб мекард.

4. Аз ҷониби муаллиф дар параграфи 2.1. ҷадвали 2.1.6. “Сохтори технологии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди таҳқиқ қарор дошта, муайян гардид, ки нисбат ба таҷҳизот ва асбобу анҷом, ки пешбарандаи рушди истеҳсолот ва рақобатнокии маҳсулот ба шумор меравад, бештар сармоягузорӣ ба корҳои сохтмонию васлгарӣ равона шудааст. Вобаста ба ин вазъият, агар муаллиф барои рушди босуръати истеҳсолот ва дар маҷмӯъ саноатикунонии босуръати мамлакат ба корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт хулосаю пешниҳоди илман асоснок менамуд кор аз ин бурд мекард (С.73).

5. Агар аз ҷониби муаллиф сабукиҳо ва имтиёзҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорӣ ба рушди саноатикунонии КАС ҷумҳурӣ пешниҳодшударо дар ҷадвал ё ба графика мавриди таҳлил қарор медод ва самаранокии онҳоро муайян мекард, сифати рисолаи илмӣ беҳтар мегардид.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

10. **Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаррази расмӣ,**
доктори (PhD) аз рӯйи ихтисоси молия,
дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Яқубзода М.С.**

Имзои Яқубзода М.С.-ро тасдиқ менамоям:
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории ДТТ** **Раҳматулло Нусратулло.**

15.06.2024

*Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев 63/3, Телефон.:(+992) 907-86-63-63, E-mail: m.yaqubzoda@mail.ru*